**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Каримдодзода Миралӣ Замон дар мавзуи «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V п.м. – V м.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, Душанбе, 2025**

Рисолаи пешниҳодшуда ба таҳқиқи пурмуҳтавои сиккаҳои кадим ва аввали асримиёнагӣ, ки дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд, бахшида шудааст. Муаллиф масъалаи сиккашиносиро на танҳо аз дидгоҳи бостоншиносӣ ва таърихӣ, балки ҳамчун як сарчашмаи муҳими омӯзиши равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Осиёи Марказӣ таҳлил намудааст.

Рисола аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат буда, ҳаҷман 181 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар таҳқиқоти мазкур як қатор кашфиётҳои нав вориди илми нумизматикӣ гардиданд. Барои аввалин бор, дар асоси маводи Осорхонаи миллии Тоҷикистон, намунаҳои камназири сиккаҳои шоҳи юнонӣ-ҳиндӣ Панталеон, сиккаҳои дорои арзиши баланди иконографӣ ва тахассусии Куҷула Кадфиз ва Вима Кадфиз, инчунин маълумоти муфассал дар бораи ганҷинаи сиккаҳои юнонӣ-бохтарии Кӯлоб (кашфшуда соли 1996) ба таври муътамад муаррифӣ ва таҳлил шуданд. Ҳамзамон, феҳристи илмии мукаммал ва мураттаби сиккаҳои нодираи Осорхонаи миллӣ барои аввалин бор таҳия гардид, ки имкони корбурди онро ҳамчун асос барои таҳқиқоти минбаъдаи таърихӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ фароҳам меорад.

Аҳамияти ин таҳқиқ дар чандин самт ба таври барҷаста зоҳир мешавад. Аз нигоҳи таърихӣ, маълумоти нумизматӣ ба барқарорсозии пайдарпаии хронологии подшоҳон ва равшан намудани муносибатҳои сиёсӣ ва тиҷоратии байниҳудудӣ мусоидат мекунад. Масалан, таҳлили сиккаҳои Панталеон ва Куҷула Кадфиз имкони дақиқтар муайян кардани марҳилаҳои ташаккули ҳокимияти юнонӣ-ҳиндӣ ва кушонӣ, инчунин алоқаҳои онҳо бо минтақаҳои Бохтар ва Уструшанаро фароҳам овард.

Дар рисола усулҳои муосири таҳлили таърихӣ, бостоншиносӣ ва сиккашиносӣ истифода шудаанд. Муаллиф тавонистааст таҳлилро бо маълумотҳои таърихнигорӣ ва сарчашмашиносӣ мувофиқ созад. Татбиқи принсипҳои таҳлили мукаммал ва муқоисавӣ сатҳи баланди фарҳанги тадқиқотии муаллифро нишон медиҳад. Аз ҷиҳати методологӣ, таҳқиқ дар асоси усулҳои муосири муқоисавӣ, иконографӣ, палеографӣ ва метрологӣ анҷом ёфта, дар он равишҳои олимони маъруфи соҳа чун Е.А. Давидович, М.Е. Массон, Д. Довудӣ ва Ҷ. Крибб ба таври муассир ба кор бурда шудаанд. Баррасии вазни сиккаҳо, тарзи сабти матнҳо ва таҳлили сифати металли он на танҳо маълумоти нав пешниҳод мекунад, балки методҳои омӯзишии мавҷударо низ таҳким мебахшад.

Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба сифати як маркази муҳими нигоҳдорӣ ва таҳқиқи мероси нумизматии минтақа муаррифӣ гардад. Ганҷинаи мавриди таҳқиқ на танҳо саҳми арзишманд дар илми нумизматика дорад, балки барои омӯзиши равандҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ дар Осиёи Миёна аз давраҳои юнонӣ-бохтарӣ то охири давраи сосонӣ манбаи боэътимод ба ҳисоб меравад.

Муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқотии ин рисола дар мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои тахассусии тақризшаванда, нашрияҳои соҳавӣ ва маҷмӯаҳои конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд, бо забони возеҳ ва бо далелҳои муътамад инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, ҷанбаҳои гуногуни таҳқиқи сиккаҳои кушонӣ ва сосонӣ дар асоси бозёфтҳои археологӣ ва маводи коллексионии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар мақолаҳои «Ковишҳои бостоншиносӣ ва бозёфти сиккаҳои кушонӣ дар шаҳркадаи Ғаравқалъа» (2021), «Бозёфти сиккаҳои кушонӣ дар шаҳраки Сайёд» (2021), «Коллексияи сиккаҳои мисӣ аз Ҳалқаҷар» (2021) ва «Таҳқиқи ганҷинаи сиккаҳои кушонӣ» (2022) баррасӣ шудаанд. Дар баробари ин, масъалаҳои вобаста ба нигоҳдорӣ, хифз ва муаррифии сиккаҳо дар Осорхонаи миллӣ дар мақолаҳои «Ҷамъоварӣ,

ҳифз ва муаррифии сиккаҳо дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон» (2021), «Инъикоси сиккаҳои қадим дар толори сиккаҳо» (2020), ва «Сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ ва сосонӣ дар Осорхонаи миллӣ» (2024) ба таври ҷудогона таҳлил гардидаанд.

Рисолаи мазкур аз рӯи мазмун, сохтор, мантиқ ва сабки илмӣ ба талаботи асари илмӣ ҷавобгӯ мебошад. Натиҷаҳои он дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи таърихи иқтисодиву сиёсӣ ва фарҳангии Тоҷикистон истифода шаванд.

Ҳамин тавр, диссертатсия дар мавзуи «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V п.м. – V м.)» кори анҷомёфта буда, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расидааст. Рисола ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Каримдодзода Миралӣ Замон сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Муқарриз: сардори раёсати илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.т., дотсент Ҷобиров Р.Ф.

Имзои Р. Ҷобировро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон А.Н. Насурдинзода
«17» 11 с. 2025

Нишонӣ:734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел: +992918312990, E-mail: rajab.1987@mai.ru